Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

14 майи соли 2025
Чоршанбе
№ 39 (15154)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## АҲАМИЯТИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ АМАЛӢ БО ИТТИҲОДИ АВРУПО ТАЪКИД ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 13 май намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ Эдуардс Стипрайсро қабул кард.***



Намояндаи махсуси ИА салом ва беҳтарин орзуҳои президенти Шӯрои Аврупо Антониу Кошта ва президенти Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйенро расонд.

Дар мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ дар заминаи татбиқи амалии қарорҳои нахустин ҳамоиши «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо», ки моҳи апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, баррасӣ шуданд.

Ба омодасозии зудтар ва пешбурди лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои молиявӣ-техникӣ ба маблағи 12 миллиард евро диққати махсус дода шуд.

Ҷонибҳо ҳамчунин оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи минтақавӣ мубодилаи афкор намуда, ҷадвали чорабиниҳои дарпешистодаро баррасӣ карданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ДАР БОРАИ ЛОИҲАҲОИ ХОҶАГИИ РОҲ МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот дар бораи самарабахшии кор ва лоиҳаҳои банақшагирифташуда дар соҳаи ҳоҷагии роҳ шинос гардид.***

Бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 10 октябри соли 2023 идора намудани соҳа такомул ёфта, вазифаҳои дарозмуддат оид ба сохтмон, таъмир ва нигоҳдории роҳҳо муайян карда шуданд. Дар ду соли охир ба ин мақсад 26 триллион сӯм равона гардида, дар маҷмӯъ 40 ҳазор километр роҳ ва 540 пул таъмир карда шуд. Маблағе, ки барои соҳа аз хориҷа ҷалб гардидааст, се баробар афзуд.

Аммо боз ҳаҷми зиёди кор дар пеш аст. Соли ҷорӣ сохтмон ва таъмири 7 ҳазор километр роҳи истифодаи умумӣ ва 231 пул, бо шағал пӯшондани 13 ҳазор километр роҳи хокӣ, сохтмони 400 километр роҳи бо симонубетон пӯшонда ва ҳамчунин ба вуҷуд овардани 72 маҷмӯи хидматрасонии роҳ дар шафати шоҳроҳҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар тақдимот шахсони масъул дар бораи корҳои оянда гузориш доданд.

Зимни муайян намудани лоиҳаҳои нав ба ҳолати ҷорӣ ва дараҷаи банд будани роҳҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Ҳоло якҷоя бо институтҳои байналхалқии молиявӣ 6 лоиҳаи калон оид ба таъмири 1,2 ҳазор километр роҳ ба амал татбиқ мегардад.

Оғоз намудани боз 4 лоиҳа ба нақша гирифта мешавад. Дар байни онҳо ба беруни шаҳрҳои Тӯрткӯл ва Берунӣ баровардани шоҳроҳи А-380, таъмири 516 километр роҳ дар Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм, сохтмони роҳи симонубетон дар қитъаҳои Тирмиз – Деҳнав ва Сирдарё – Бахт мавҷуд мебошад. Барои татбиқи ин лоиҳаҳо маблағҳои Бонки рушди Осиё, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди исломӣ ва Бонки сармояҳои инфрасохтори Осиё ҷалб мегарданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки масъалаи аз ҳама муҳим босифат нигоҳ доштани роҳ ба шумор меравад. Бобати инкишоф додани инфрасохтори шафати роҳҳо, фароҳам овардани шароити муносиб барои аҳолӣ супориш дода шуд.

Дар ағбаи Қамчиқ посгоҳи статсионарии назорати вазн ба баҳрабардорӣ супурда шудааст. Чунин посгоҳҳоро дар роҳҳои дигари серҳаракати боркашонӣ ба вуҷуд овардан лозим мебошад.

Бояд таъкид кард, ки Қонун «Дар бораи роҳҳои автомобил», ки қариб 20 сол қабл қабул гардидааст, ба талаботи замона ҷавоб намедиҳад ва ислоҳоти ахир ва масъалаҳои муҳимро ба инобат намегирад.

Бинобар ин таҳрири нави қонун омода мегардад, ки дар он, аз он ҷумла, татбиқ намудани механизми «ба нақша гирифтани фаъолияти роҳ» пешбинӣ шудааст, то ки инфрасохтори роҳ бинобар афзудани эҳтиёҷи аҳолӣ ва иқтисодиёт инкишоф дода шавад. Талаботи ҷиддӣ барои инобат гирифтани фикри ҷамъият, таъсир ба муҳити зист ва инчунин ҳатман ба вуҷуд овардани муҳити бемамониат барои пиёдагардон ба амал ҷорӣ карда мешавад. Ҷуброн намудани харҷ барои барқарор намудани роҳ пас аз хобондани шабакаҳои коммуникатсионӣ пешбинӣ мегардад.

Ғайр аз ин лоиҳаи қонун асоси ҳуқуқии роҳҳои пулакӣ, талаботро барои ҷойгир намудани объектҳои хидматрасонӣ дар минтақаҳои шафати роҳ муайян менамояд ва инчунин ҳаракати нақлиёти калонҳаҷм ва вазнинро танзим менамояд.

Зимни тақдимот инчунин ҳисоботи шахсони масъул дар бораи татбиқи лоиҳаҳо оид ба сохтмони роҳҳои муқобил дар асоси шарикии давлативу хусусӣ шунида шуд.

**ЎзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАН СУДМАНД ДАР СОҲАИ НАФТУ ГАЗ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев раиси раёсати ширкати русии «Газпром нефть» Александр Дюковро, ки дар доираи барномаи Форуми байналмилалии «Нафту гази Ўзбекистон» дар шаҳри Тошканд қарор дорад, ба ҳузур пазируфт.***

Дар мулоқот масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо яке аз ширкатҳои пешбари Русия дар соҳаи маҷмааи сӯзишворӣ ва энергетика мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Имкониятҳои амиқтар кардани кооператсия дар самти интиқоли маҳсулоти нафтӣ, азхудкунии конҳои душвортаркаш ва рақамисозии соҳа баррасӣ шуданд.

**ЎзА.**

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ПУРЗӮР НАМУДАНИ БЕХАТАРИИ СЕЙСМИКӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳодот оид ба пурзӯр намудани чорабиниҳои бехатарии сейсмикӣ шинос гардид.***

Дар мамлакат сохтмонҳои доманфарох идома дорад. Аз соли 2017 11410 иморати бисёрҳуҷра сохта шудааст, ки ба ҳалли масъалаи манзил ва беҳсозии шароити зиндагии аҳолӣ мусоид менамояд.

Инчунин сейсмология босуръат инкишоф меёбад, ки яке аз самтҳои муҳим дар сохтмон мебошад. Дар ин соҳа ба ҳамкорӣ бо марказҳои илмии хориҷӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ эътибори алоҳида нигаронида мешавад. Ғайр аз ин, Ўзбекистон чун ташаббускор дар бисёр самтҳои ҳамкории байналхалқӣ баромад менамояд.

Тавре ки маълум аст, 29 апрели соли 1966 дар Тошканд заминҷунбии харобиовар ба вуқӯъ пайваста буд. Президенти Ўзбекистон бо ташаббуси таъсиси Рӯзи хотира ва ҳамбастагӣ баромад намуд, то ки хотираи қурбониёни заминҷунбӣ пос дошта шавад ва ногузирии ҳамкории байналхалқӣ дар ин соҳа ёдрас гардад. Ба хотири эътирофи ташаббуси мазкур Ассамблеяи генералии СММ ба қарибӣ резолютсия қабул намуда, 29 апрелро чун Рӯзи байналхалқии хотираи қурбониёни заминҷунбӣ эълон намуд.

Барои мутобиқат намудан ба стандартҳои байналхалқӣ дар ин соҳа роҳбари давлат вазифаи пурзӯр намудани эътиборро ба сифати сохтмонҳои нав гузошт. Бинобар ин чорабиниҳо дар заминаи баланд бардоштани бардошти сейсмикии иморатҳои бисёрҳуҷра ва таъмини бехатарии аҳолӣ ҳангоми заминҷунбӣ андешида мешаванд.

Аз он ҷумла, бо иштироки мутахассисони институтҳои давлатии лоиҳакашӣ дар маҳалҳо тадқиқотҳо бурда шуданд. Дар асоси натиҷаҳои ин тадқиқотҳо ва таҳлили вазъияти сейсмикӣ дар минтақаҳо пешниҳодот дар заминаи такомули минбаъдаи низоми бехатарии сейсмикӣ таҳия гардиданд.

Татбиқ намудани амалиёти нави муоинаи биноҳо бо ҷалб намудани мутахассисони хориҷӣ пешбинӣ гаштааст. Табодули таҷриба дар бобати сохтмони биноҳои иқоматӣ, ба заминҷунбӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ тобовар васеъ хоҳад шуд. Инчунин баргузор намудани муоинаи инструменталӣ-техникии биноҳо барои ифшо ва бартарафсозии камбудиҳо ба нақша гирифта шудааст.

Бинобар ҷамъбасти ин чорабиниҳо ва бо дарназардошти таҷрибаи байналхалқӣ ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бобати баҳогузорӣ ба хатари сейсмикӣ, таъсир ва хатар тағйирот дохил карда мешавад.

Президент таъкид кард, ки сифат ва бехатарӣ дар сохтмон бояд бартарият дошта бошад ва аз ин хотир дар бобати инкишофи илмии ин самт ва татбиқи бархурдҳои замонавӣ дар соҳа супориш дод.

**ЎзА.**

## ...КИРО ГАНҶИ ДОНИШ БУВАД, ПОДШОСТ!

***Дониш барои инсон манбаи фазлу камол буда, ӯро бузургдил мегардонад. Шахси донишманд дар ягон давру замон ба душворӣ рӯ ба рӯ намешавад, зеро дониш ӯро ба роҳи рост раҳнамун месозад, соҳибкору соҳибмаълумот ва соҳибиззат мегардонад.***
***Аз қадимулайём донишмандонро азизу гиромӣ доштаанд. Онҳо дар ҳама маврид дар дилу дидаи мардуманд. Ба қавле, дониш ганҷи бузургест, ки баробари дунё арзиш дорад. Шоир барҳақ фармудааст:***
***Беҳ аз ганҷи дониш ба гетӣ куҷост?***
***Киро ганҷи дониш бувад, подшост!***




(Давомаш дар саҳ.2).

Экология ва инсон

## ФИҒОНИ ҒАМАНГЕЗИ ТАБИАТ: ЧӢ БОЯД КАРД?

***Барои чанд лаҳза чашмонатонро пӯшед ва тасаввур кунед. Домани кӯҳсори зебоманзар, чаманзори сабзу хурраму пур аз гулу гиёҳ. Накҳати аҷиб ба димоғ мезанад. Аз канортари он ҷӯйбори оби зулол ҷорӣ аст. Оби он чунон софу шаффоф аст, ки ҳатто рангу шакли ҳар як санги зераш ба чашм мерасад.***

Паррандаҳо дар фазои кушод ба парвоз омадаанд. Дуртар аз сой оҳуи тездаве бо оҳубачаи худ чаро мекунад. Шамоли форам мевазад ва бо таъсири он баргҳои дарахтон оҳиста ба рақс меоянд. Ягон монеае вуҷуд надорад, ки шуморо аз эҳсоси ин зебоии нотакрори гирду атроф ва ҳамоҳангиву наздикии илоҳӣ бо он боздорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ФИҒОНИ ҒАМАНГЕЗИ ТАБИАТ: ЧӢ БОЯД КАРД?



(Аввалаш дар саҳ.1).

Шумо аз ин зебоиҳои табиат баҳра бурда, сайр мекунед, амиқ нафас мекашед ва дар ҳастии худ болидаруҳиеро эҳсос карда, ба маҳорати Худованд, ки ин ҳамаро ба таври комил офаридааст, аҳсант мегӯед.

Дар ҳамин лаҳза баногоҳ чашматон ба ҷониби дигари кӯҳ меафтад, ки он ҷо аз дудбароҳои баланди иншооти азим дуди ғафси сиёҳ ба фазо мепечад. Ҷониби иншоот роҳ мегиред. Ҳар қадар наздик мешавед, нафас гирифтан мушкилтар мегардад ва сулфаи хушке пайдо мешавад. Аз дур садои мошину поездҳои тезгард ба гӯш мерасад ва қаробати байни шумову табиатро то ҳадде аз байн мебарад. Аҳолии шаҳр раҳораҳ партову пасмондаҳои гуногунро дар ҳар гӯша партофта, беэътиноёна зебоии муҳити атрофро вайрон мекунанд. Аммо худ ба ин бепарвоянд. Ногаҳон атрофи шуморо манзараи ҳузнангез – торик, сард, бефайз, бадбӯй ва нотоза иҳота мекунад. Ҳатто намефаҳмед, ки он ҳама манзараҳои дилкашу зебо ва дилпазиру гуворо дар чанд сония чӣ тавр ба чунин ҳолати андӯҳовару хароб афтод ва якбора аз хоби даҳшат бедор мешавед…

Ба назар чунин мерасад, ки гӯё тавозуни Модар-табиатро як риштаи нозук ба ҳам пайвастааст. Ҳар як унсур – об, ҳаво, замин ва офтоб – инсон, ки аз чор унсур иборат аст, тамоми коинот бо ҳам ҳамбастагии мустаҳкам доранд. Аммо солҳои охир фаъолияти инсон, ақлу заковат, хоҳишу орзуҳои беинтиҳо ва майли бештари онҳо барои беҳтар зистан ин мувозинатро суботкорона ва ҷиддӣ халалдор менамояд. Модар-табиат қурбони нафси инсонӣ мешавад. Обшавии пиряхҳои чандинасрина ва гарм шудани ҳавои атмосфера аз муҳимтарин зуҳуроти тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон аст.

### Оянда и фалокатовари пиряхҳои чандинасрина

Пиряхҳои рӯйи замин — яхбандҳои бузурги Антарктида, Гренландия ва кӯҳҳои Ҳимолой таърихи миллионсоларо таҷассум мекунанд. Онҳо на танҳо шоҳиди санҷишҳои гуногуни пурасрор ва ҷангҳои мудҳише, ки инсоният бо он рӯ ба рӯ шудааст, балки гувоҳи ҳаёти озодонаи хирсҳои қутбӣ ва пингвинҳо, такягоҳи экосистемаи ҷаҳонӣ ва мувозинати тамоми коинот мебошанд. Аммо имрӯз ин пиряхҳои чандинсола бар асари оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим, ифлосшавии ҳавои атмосфера ва осеб дидани қабати озон, ба хатарҳои бесобиқа, таҳдид ба ҳаёт ва сарнавишти инсоният табдил меёбанд. Сол аз сол миқдори муайяни онҳо аз байн мераванд. Кормандони Институти тадқиқоти таъсири иқлими Потсдам дар Олмон таъсири обшавии пиряхҳои кӯҳӣ, Гренландия, Антарктика ва Арктикаро ба иқлим омӯхтанд.

Ҳоло фаъолияти инсон ва корхонаҳои саноатӣ боиси аз меъёр 1,5 дараҷа гарм шудани ҳаво гардидааст. Обшавии пиряхҳо бошад, иқлими ҷаҳониро аз меъёри муқаррарӣ боз 0,43°C гарм мекунад. Аз панҷ як ҳиссаи пиряхҳое, ки об мешаванд, ба Арктика рост меояд. Ин на танҳо боиси баланд шудани сатҳи об мегардад, балки барои боз ҳам гарм шудани иқлим замина ба вуҷуд меоварад.

Обшавии пиряхҳо ин танҳо рақам ё омор нест. Ин ашки яххои чандинасрина, фиғони ғамангези кӯҳҳои ҳазорсола мебошад, ки каму нопайдо шудани ҷӯй ва дарёҳои пурмавҷ, хушксолии рӯйи заминро ба бор меоранд. Тасаввур кунед: дар ҷойҳое, ки замоне пиряхҳои бузурги қуллаҳои кӯҳистон сар ба осмон кашида буданд, ҳоло танҳо сангҳои урёну кӯлҳои обӣ ба чашм мерасанд. Ин харобшавии табиат аст, зарбаи дарднoки табарест, ки инсоният бо дастони худ баояндаи хеш мезанад.

### Гарм шудани ҳавои атмосфера ё таҳдиди ба чашм ноаён

Гарм шудани ҳавои атмосфера яке аз нишонаҳои асосии гармшавии глобалӣ мебошад. Дар ин сурат тамоми Замин ба як гармхонаи азиму бепоён табдил меёбад. Дар натиҷа, газҳои гулхонаӣ, бахусус гази карбон ($CO_2$) ва метан ($CH_4$) дар атмосфера ҷамъ шуда, нури офтобро бозмедоранд ва Заминро бештар аз меъёр гарм месозанд. Аз олами наботот сар карда, то ҳашарот, паррандаю ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҳаёти инсон зери хатари бемислу монанд қарор мегиранд. Яъне, мувозинати ҳаёти табиӣ ба таври ҷиддӣ халалдор мешавад.

Мувофиқи гузоришҳои Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим (IPCC), ҳарорати ҷаҳон аз соли 1850 ба ҳисоби миёна 1,1 дараҷа боло рафтааст. Ҳарчанд ин рақам дар назари аввал ночиз ба назар мерасад, аммо оқибатҳои он хеле харобиоваранд. Тибқи хулосаи мутахассисон, агар ҳарорати атмосфера 3-4 дараҷа баланд шавад, дар кадом як минтақаҳои кураи Замин шаҳрҳо комилан зери об мемонанд. Дар минтақаҳои дигар хушксолӣ ба амал меояд. Раванди биёбоншавӣ суръат мегирад.

Дар натиҷаи гармшавии атмосфера на танҳо пиряхҳо об мешаванд. Балки шароити обу ҳаво низ куллан тағйир меёбад, ба олами набототу ҳайвонот низ таъсири манфии худро мерасонад. Мо ин ҳамаро дар мисоли офатҳои табиӣ, оташ гирифтани миллионҳо гектар ҷангалзорҳо, офатҳои техногенӣ, ки дар нуқтаҳои гуногуни кураи Замин ба амал меоянд, метавонем мушоҳида кунем. Ҳоло тӯфонҳои шадид, хушксолиҳои дарозмуддат, обхезиҳои тасодуфӣ ба як ҳолати табиӣ табдил ёфтаанд. Масалан, ба касе пӯшида нест, ки солҳои охир баланд шудани ҳарорат ва кам гардидани захираҳои обӣ дар Ӯзбекистон ба соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиёт таъсири худро мерасонад. Ҳодисаи тағйирёбии иқлим на танҳо таназзули экологӣ, балки бӯҳронҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фаромарзиро низ ба миён меорад.

### Инсон ваҳшитарин мавҷудот аст

Сабаби асосии обшавии пиряхҳо ва гарм шудани атмосфера фаъолияти инсон мебошад. Сӯхтани сӯзишворӣ, чун нафт, газ ва ангишт, ки дар натиҷаи инқилоби саноатӣ ба вуҷуд омадаанд, ба атмосфера миқдори зиёди газҳои гулхонаӣ хориҷ мекунанд. Тӯли як шабонарӯз дар саросари ҷаҳон ба миқдори чандсад ҳазор тонна сӯзишвориҳои табиӣ истифода мешаванд. Илова бар ин, аксарияти корхонаҳои саноатӣ ба стандартҳои байналмилалии экологӣ ҷавобгӯ нестанд.

Аз байн рафтани ҷангалзорҳо, урбанизатсия ва рушди соҳаи кишоварзӣ ин равандро шадидтар карданд. Масалан, зиёда аз 20 фоизи бешазори Амазон нобуд шуд. Ин қобилияти фурӯбарии гази карбонро ба таври назаррас коҳиш дод. Ҳоло таъсири обшавии пиряхҳо ва гармшавии атмосфера аллакай эҳсос мешавад. Дар натиҷаи баландшавии сатҳи баҳр баъзе манотиқи соҳилии Малдив, Бангладеш ва кишварҳои дигар зери об монданд. Дар маърӯзаи СММ оид ба рушди инсон зикр шудааст, ки то соли 2050 қариб 150 миллион нафар метавонанд ба муҳоҷирони иқлим табдил ёбанд.

Тағйирёбии ҷаҳонии иқлим дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон боиси ба миён омадани мушкилоти ҷиддӣ, чун норасоии об ва коҳиши ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ мегардад. Ин раванди ногувор мушкилоти ғизоиро низ ба вуҷуд оварда, устувории экосистемаро зери хатар мегузорад. Гармшавии ҳавои атмосфера ба гуногунии биологӣ ҳам таҳдид мекунад. Ҳайвонҳое, ки дар пиряхҳо умр ба сар мебаранд, ба монанди хирси қутбӣ, макони зисти худро аз даст медиҳанд.

Аммо, сабабҳо танҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ нестанд. Тарзи зисти ҳар як инсон – истифодаи автомобил, истеъмоли беш аз меъёри захираҳои табиӣ ва партовҳои маишӣ ба тезондани ин раванд мусоидат мекунад. Дар ин маврид савол ба миён меояд: оё нафси инсон ниҳоят дорад? Кай мефаҳмем, ки мо низ як ҷузъи табиат ҳастем? Оё мо худро ислоҳ карда метавонем? Чашми мо кай боз мешавад? То ба он оё дер намешавад? Саволҳо бисёр, аммо ҷавобҳо…

### Нафаси умед…

Гарчанде вазъият мушкилу нигароникунанда аст, ҳанӯз умед ҳаст. Бар зидди тағйирёбии иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ чораҳо андешида мешавад. Масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ, маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аз қадамҳои муҳим дар ин самт ба шумор мераванд. Маҳз барои ба даст овардани натиҷаи муайян дар ин бахш, чанд роҳи ҳалро пешниҳод менамоем.

Кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим ва суръат бахшидан ҷиҳати гузариш ба иқтисоди «сабз», самти муҳими стратегие мебошад, ки устувории иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии Ӯзбекистонро таъмин менамояд. Дар ин раванд равобити узвии ҳамкории ҳукумат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалӣ муҳим аст.

Барои ноил шудан ба мутобиқшавии иқлим ва рушди устувор, таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ зарур аст.

Гузариш ба иқтисоди «сабз», на танҳо тавассути ислоҳоти техникӣ ё молиявӣ, балки бо иродаи сиёсӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ, иштироки фаъоли институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳимтар аз ҳама, намояндагони ҷамъиятӣ ба даст хоҳад омад. Дар ин бобат тарбияи экологӣ, фарҳанги экологӣ, пеши худ маҷбурият ва масъулият гузоштани ҳар як шаҳрванд нақши муҳим дорад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти таълим, фан ва васоити ахбори омма ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум ва пурзӯр намудани масъулияти иҷтимоӣ ҷиҳати ҳифзи муҳити зист яке аз омилҳои муҳим ба шумор меравад.

### Сигнали SOS

Обшавии пиряхҳо ва гарм шудани ҳавои атмосфера, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, на танҳо як таҳдиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ, балки санҷиши ахлоқӣ ва маънавие мебошад, ки бар сари инсоният омадааст. Аз ин рӯ, ҳар як қарор, ҳар як амали мо, барои наслҳои оянда аҳамияти бузург дорад.

Ҳатто як қадами хурд дар ин ҷода – дар як моҳ чанд рӯз ба ҷойи сабукрав велосипед рондан, дарахт шинондан ё бидуни зарар ба табиат ба навъҳо ҷудо карда, дар зарфҳои махсус партофтани партовҳо, сарфаи оби ошомидани дар ҳаёти рӯзмарра, худдорӣ аз истифодаи беш аз меъёри неруи барқ – ин ҳама метавонанд барои пешгирии бӯҳрони бесобиқа, ки ба башарият таҳдид мекунад, мусоидат намоянд. Пас, ҳамааш ба худи мо вобаста аст.

**Шаҳина ҶӮРАЕВА,**
**омӯзгори Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.**

---

***Кирмакпарварӣ аз соҳаҳои муҳим ва сердаромади хоҷагии деҳот аст, ки солҳои охир боиси таваҷҷуҳи ҳукумат қарор гирифта, барои рушди ин бахши иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.***

## НИЯТИ НЕКИ ПИЛЛАПАРВАРОН

Дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё низ ба рушди соҳаи мазкур эътибори алоҳида медиҳанд. Хоса кирмакпарварони ноҳияи Косон дар пешбурди ин соҳа дасти баланд доранд ва бо истифода аз усулҳои замонавии парвариши кирми пилла ба натиҷаҳои дилхоҳ мерасанд.

Дар мавсими имсола кирмакпарварони ноҳияи Косон парвариши 4763 қуттӣ тухми кирмакро бар зимма гирифта, истеҳсоли 300 тонна пилларо дар нақша доранд. Айни ҳол аз хоҷагиҳои фермериву оилаҳои алоҳидаи кирмакпарвар маҳсули заҳмати пиллапарварон ба нуқтаҳои қабули маҳсулот мерасанд. Дар мавсими имсола 26052 нафар занони хонашин низ ҷалб гардиданд. Ин яке аз ҳадафҳои ҳукумати маҳаллӣ аст, ки саъй дорад бо чунин усул қишри бекори аҳолиро бо корҳои мавсимӣ таъмин кунад ва дар зимн ба даромади оилаҳои камбизоат афзояд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

---

## ЭҲЁИ ҲАЁТИ СОЛИМ, НАСЛИ СОЛИМ ВА ЭКОЛОГИЯ

***Дар шаҳри Кӯқанд бо ташаббуси Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Лидер скул» веломарафон баргузор гардид.***

Дар он ҳокими шаҳр Маъруфҷон Усмонов, прокурори шаҳр Алишер Назаров, сардори Раёсати корҳои дохилӣ Анварҷон Парпиев, волидони ҷавонону наврасоне, ки дар ин муассисаи таълимӣ таҳсил мекунанд, инчунин намояндагони аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Веломарафон дар доираи ташаббусҳои Сарвари давлатамон оид ба оммавӣ гардонидани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш сурат гирифт. Ҷавонон дар марафони 10-километрӣ ширкат варзида, таваҷҷуҳи ҳозиронро ба худ ҷалб карданд.

Ғолибон бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

***Бо оғози моҳи май, яъне моҳи охирини соли хониш тайёрӣ ба имтиҳонҳо низ сар мешавад. Алалхусус, хатмкунандагони синфҳои 9-11, ки дар дил садҳо орзу доранд, бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд.***

## ЗАБОНИ МОДАРӢ ФАННИ ИХТИЁРӢ НЕСТ!

Имсол низ омӯзгорони мактабҳои тоҷикӣ бо умед ин моҳро интизор буданд ва бесаброна номгӯи имтиҳонҳоро, ки аз тарафи идораҳои болоӣ пешкаш карда мешавад, майли дидан доштанд. Номгӯи имтиҳонҳоро диданду «тарбуз аз бағалашон афтид». Аз он дар ҳайрат буданд, ки солҳои сол хатмкунандагони синфи 9-ум аз забон ва адабиёти тоҷик имтиҳон месупурданду имсол не. Оё ҳамин хел ҳам мешавад? Ин як навъ беэътиборӣ нисбат ба забони модарӣ нест? Хонанда 11 сол мактаб мехонаду фақат дар синфи 11-ум аз забони модарии худ имтиҳон месупорад. Солҳои охир соатҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик кам карда шуданд, яъне аз синфи 7 то 11 фақат як соат забони модарӣ меомӯзанд. Бардоштани имтиҳон «болои сӯхта намакоб» шуд. Маълум аст, ки дар мактабҳои таълимашон ба забони давлатӣ дар синфи 9-ум имтиҳон аз забони модарӣ гузошта шудааст.

Забони модарӣ на ҳамчун фанни ихтиёрӣ бояд бошад. Имрӯзҳо ҳама аз дӯстиву бародарии халқҳои тоҷику ӯзбек бо шодӣ сухан мегӯянду шукр мекунанд. Робитаҳои дуҷонибаи ин ду халқ гувоҳи гуфтаҳои болоанд. Пас дар соҳаи таълим низ аз ин ҳамкориҳо умед дорем.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

---

## ДАР ФАРҒОНА СОДИРОТИ ЗАРДОЛУ ОҒОЗ ЁФТ

*Боғпарварони ноҳияи Қува аз аввалинҳо шуда ба содири зардолу шурӯъ намуданд. Аз ҷумла, хоҷагии боғпаварии «Ашӯров Муъминҷон» аз ҳамин шумор мебошад. Ин хоҷагӣ дар 80 гектар боғ ҳосили фаровони 5 навъи зардолу парвариш ва ҷамъоварӣ кардааст, ки ниҳолҳои он аз Туркия оварда шудааст. Ин боғ ба таври интенсив парвариш ёфта, технологияи обёрии қатрагӣ пурра ҷорӣ гардидааст.*

*Маълум шуд, ки корҳои агротехникӣ дар асоси таҷрибаҳои илмӣ ва амалӣ гузаронида шуда, ба ҳарчи зудтар пухта расидани ҳосил ва содироти он ба хориҷа муваффақ хоҳанд шуд. Дар айни ҳол ҳосили ғундошташудаи зардолу ба Қирғизистон ва Русия фиристода мешавад. Дар мавсими ҷамъоварии ҳосил қариб 300 ҷойи кори мавсимӣ ташкил карда шудааст.*

*Қарор аст, ки дар мавсими имсола ба ҳисоби миёна 250-270 тонна зардолу ба хориҷа содир хоҳад шуд.*



***Мирасрор АҲРОРОВ,***
***мухбири «Овози тоҷик».***
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

***Дар мавзеи «Юксалиш»-и ноҳияи Давлатобод бинои ҳафтошёна, ки аз 30 хонаи истиқоматӣ иборат аст, ба хидматчиёни ҳарбӣ супорида шуд.***

## ХОНАҲОИ НАВ БА ХИДМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Дар ин бинои истиқоматӣ, ки аз ду ва се хонагӣ иборат аст, шароиту имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят, роҳбари сектори ҳарбӣ-маъмурӣ Шавкат Абдураззоқов, роҳбарони идораҳои расмӣ, вакилони ҷамоатӣ, нуронҳо, аскарон ва хидматчиёни ҳарбӣ иштирок карданд.

Ҳокими вилоят соҳибони хонаҳоро табрик намуда, дар бораи ислоҳоте, ки дар роҳи мустаҳкамсозии мудофиаи мамлакатамон амалӣ мегардад, сухан кард. Таъкид намуд, ки дар мамлакатамон беҳтар кардани тарзи зиндагонии оилавии ҳарбиён, таъмин намудани ҳаёти фаровон яке аз масъалаи асосии давлатамон ба шумор меравад ва имрӯз ҳалли ин масъала дар амал иҷро мешавад.

Ба соҳибони хона калидҳо супорида шуд. Иштирокчиёни чорабинӣ ба хонаҳо даромада, бо шароит ва имкониятҳои фароҳамоварда шинос шуданд.

---

***Аз таърих аён аст, ки тоҷику ӯзбек дар тӯли садсолаҳо бо сулҳу субот ва якдигарфаҳмӣ зиндагӣ карда, дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ дастгири ҳамдигар буданд, аз як дарёву сой об нӯшида, ҳаёт ба сар бурдаанд.***

## СУҲБАТИ МО ДОИР БА ДӮСТӢ ВА МУҲАББАТ БА ВАТАН БУД

Имрӯзҳо низ ин иқдоми нек идома дорад. Намояндагони аҳли санъат, фарҳанг, тиҷорат, варзиш ва дигар соҳаҳо бо ҳам мулоқоту ҳамдастӣ ва мубодилаи таҷриба менамоянд. Боиси ифтихор аст, ки мардуми ду кишвар дар фазои ором ободу озод зиндагӣ дорем ва сарвароне дорем, ки барои ҳалли ҳамаи масъалаҳои баҳсомез таҷрибаи бойи сиёсӣ ва сулҳофарӣ доранд.

Ба наздикӣ ба шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон сафари омӯзишӣ анҷом додам. Аз мактаби ба номи Аловиддин Бобоев боздид кардам ва дарсҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва гурӯҳи «Омодагӣ ба мактаб»-ро мушоҳида намудам. Ташнагии дониш дар кӯдакон ва меҳру муҳаббати омӯзгорон дар дили ман таассуроти амиқ гузошт. Оиди таҷрибаҳои Ӯзбекистон — Kundalik.com, қабули электронии синфи 1 ва корҳои беруназ-синфӣ бо омӯзгорони тоҷик мубодилаи афкор намудам. Онҳо бо шавқу ҳавас гӯш карданд. Бо кӯдакон дар бораи дӯстӣ, сулҳ ва муҳаббат ба Ватан суҳбати самимӣ доштем.

Аз тамошои боғи Камоли Хуҷандӣ, осорхонаи Қасри Арбоб, боғҳои истироҳатӣ ва гулгашту хиёбонҳои шаҳри Хуҷанд, ки тароватии фасли баҳорро боз ҳам хуштару ҷолибтар нишон медоданд, баҳраманд гардидам.

Илоҳо ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва истиқлоламон пойдор бошад.

**Бунёдҷон ШОМАТОВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

---

## ВОХӮРИИ СЕ АВЛОД

***Бо ташаббуси Президент дар саросари кишварамон вохӯрии вакилони се авлод баргузор мегардад. Дар «Боғи ҷавонон»-и ноҳияи Учқӯрғон низ бахшида ба 9 Май – Рӯзи хотира ва қадр чунин вохӯрӣ ташкил карда шуд.***

Дар чорабинӣ як гурӯҳ олимону фозилон, кормандони идораву муассисаҳои таълимӣ, профессорони донишкадаҳо, шоирону нависандагони номдор ва пешқадамтарин вакилони ҷавонон иштирок намуданд.

Номзади фанҳои иқтисод, Қаҳрамони Ӯзбекистон Шукурҷон Маматқулов дар бораи мақому мавқеи олимони ноҳия дар таълиму тарбияи ҷавонон дар вазъияти имрӯзаи ҷаҳонӣ мулоҳизаҳои худро баён намуд.

Раиси шуъбаи вилоятии «Нуронӣ», узви Сенати Олий Маҷлис Икромхон Наҷмиддинов, мудири шуъбаи «Қабулхонаи халқӣ»-и Президент дар вилояти Намангон Баҳодир Юсупов, шоира, соҳиби ордени «Дӯстлик» Дилбар Ҳайдарова ба сухан баромада, дар бораи аҳамияти омӯзиши мероси ғании маънавии халқамон, муҳофизату пойдоргардонии анъанаву қадриятҳои ахлоқии ниёгон ва нақши куҳансолон дар таълиму тарбияи насли наврас фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд.

Ба иштирокчиён – ҷавонони фаъол ва ғолибони олимпиадаи фаннӣ аз тарафи ташкилотчиён ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Санъаткорони ноҳия бо рақсу сурудҳои дилнишин ба ҳозирон кайфияти хуш бахшиданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ОМӮЗГОРИ РОҲНАМО




Он рӯз барои Ҳамид Холмӯминов аҷаб як рӯзи ҳаяҷонангез буд. Шогирди ӯ навакак аз имтиҳони навбатӣ – иншои эссе баромад. Акнун ҳайати доварон талош варзида, сараро аз сақат ҷудо мекарданд. «Аз нақлаш, бача эссеро бад нанавиштааст. Ин жанри мураккаби публитсистӣ донишу идроки баланд талаб мекунад. Аз замоне, ки дар соҳаи таълим ислоҳоти густарда ҷорӣ гардид, талаб аз омӯзгорону шогирдон ҳам дучанд афзуд».

Вай дар тазйиқи афкори мухталиф монда, роҳрави дарози дабистонро чанд бор пасу пеш тай зад – танҳо ба Парвардигор аён! Дам ба дам ба дари даромади бинои мактаб менигарист: бале, бо ҳаяҷони фавқулодае нигоҳ мекард, ки дар яке аз синфхонаҳои муҷаҳҳази он (аз ҳар сӯ дурбинҳои назоратӣ насб гардидаанд) доварон араќи ҷабин рехта, заҳмати иштирокдорони озмуни ҷумҳуриявӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷикро аз ҳаллоҷӣ мегузарониданд.

– Ҳеҷ гап не, писарам, ғалберро, ки аз об бардоштанд, ҳамааш чун рӯз маълум хоҳад шуд, – гуфт Ҳамид Холмӯминов ба симои ин замон қадре заҳири писар нигариста.

Писараш Зафар Амонов – хонандаи синфи 11, пас аз навиштани эссе ҳоло дар яке аз харакҳо амонат менишаст. Вай навиштаи худро пеши назар оварда, дилаш аз барои баҳои хуб ҷамъ бошад ҳам, ҳар замон аз ҷой баланд шуда, ба падари омӯзгораш менигарист. Вақте устод – қиблагоҳаш ҳам дастон дар пушт қулфу калид, аз назди ӯ мегузашт:

– Парво накунед, додоҷон, писаратон сари шуморо ҳаргиз хам намекунад, – гуфт як зарра бо эътимод. Аммо ба гуфтан гуфту… пасон як зарра пушаймон шуд. «Кибр нашуд магар?» – сурх шудаву пурсид аз худ. Ҳазорон «агару магар»-ҳо зуд-зуд хаёли ӯро рабуда, аз пешомади ҳанӯз номаълум дилаш балоӣ мекард. «Агар дар озмун ғолиб наоям, ҳоли падар чӣ мешавад? Орзуҳои ӯ дар як лаҳза ба боди фано хоҳанд рафт!»

Падараш Зафарро аз ҳама корҳои рӯзгор озод кардаву танҳо ба хондан муваззаф карда буд. Ва ӯ низ гапи падарро ду накарда, давоми сол пайваста бо китобу дафтар машғул буд. «Шогирди падари худ будан бас душвор будааст. Масъулияти ин корро касе идрок мекунад, ки ин ҳамаро дар пӯсти худ таҷриба кунад» – оҳкашон аз дил гузаронд Зафар…

Ниҳоят доварон пасопеш аз бино бадар омаданд. Ҳама ба ҳамон самт давиданд. Зафар аз ҷой хест, аммо дар замини сахт мехкӯб шуда, қадаме гузошта натавонист. Дар дори синааш кадом узви беқарори ӯ гуп-гуп садо медод. Дар он тарафи роҳрави озода устодаш – падараш истодааст. Вай ҳам маҷоли ҷунбидан надорад. Муддате нафас ба дарун гирифтаву ба самти раиси доварон – Турдиқул Ҳасратов нигоҳ меандохт, ки дар иҳотаи шогирдон монда буд ва пайваста чизеро маънидод мекард. Ниҳоят нигоҳҳо ба ҳам хӯрданд. Чандин саволи атрофиёнро беҷавоб гузошта, ба ҷониби Ҳамиди музтариб ду ангушт ба самову бо шодмонӣ ишорае кард. Ҳамон ду ангушти ба ҳаво баландшудаи Ҳасратов ба Ҳамид нафасро баргардонд. Вай оҳи сабуке кашида, дар сартосари пайкараш як ҳаловати аҷиберо ҳис кард ва ин дам, – маҳз аз шодӣ буд ин ҳолати аҷиб – чанд қатра ашк дар хами мижгонаш падид омаданд. Зафар низ рамақ ёфтаву ба самти падар давид. Онҳо муддате дар оғӯши ҳам қарор ёфта, шодмонӣ карданд. Баъд Ҳамид Холмӯминов мӯйи писарро бо меҳр парешон сохта:

– Баъд аз сию чор сол… Қанд зан, шери додо! – гуфт идомаи сухани худро дар дил нигаҳ дошта ва дасти Зафарро чунон фишурд, ки гӯё давоми сухани ӯ дар ҳамин фишори маънидор таҷассум ёфта бошад. – Офарин, бачем! Меҳнатат зоеъ нарафт.

Ҳоло қомати падари масрур чанд ваҷаб сабзида, кӯҳи азиме аз шонаҳояш поин омада буд. Акнун бо рӯйи сурху сари баланд ба Боғучорбоғ баргарданд, мешавад!

Ҳамин лаҳзаи хотирмон як умр дар ёди падару писар мӯҳр бастанд. Аммо ҳанӯз Зафар дар таҳайюр буд, ки чаро қиблагоҳаш «Баъд аз сию чор сол…» гуфт?

***

Соли 1991. Бухорои Шариф. Ин шаҳри қадим мизбони сабқати фанни забон ва адабиёти тоҷик буд. Аз ҳама минтақаҳо ғолибони зинаи вилоятии озмун ширкат меварзиданд. Ҳамиди он замон синфи ёздаҳум низ дар бахши вилоятии озмун ғолиб омадаву ин ҷо ширкат меварзид. Он вақтҳо муборизаҳо барои ба даст овардани ҷоизаҳо басо бошиддат мегузашт. Саводи хонанда бо шаш имтиҳон санҷида мешуд. Ҳамид тайёрии пухта дошт. Устоди ӯро Тошқул Мирзоев мегуфтанд ва ӯ яке аз омӯзгорони варзидаи фанни забон ва адабиёти тоҷики минтақа маҳсуб меёфт… Ҳамин хел, чун натиҷаҳои озмун ҷамъбаст гардид, ба Ҳамид ҷойи дуюм насиб кард. Ва устоду шогирд оғӯшкашон ҳамдигарро табрик карданд. Баъд аз сию чор сол ин таърих такрор ёфта буд. Писар ҷойгузини падар шуд…

Ҳамид худи ҳамон сол мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободро хатм кардаву ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳуҷҷат супорид ва дар асоси гранти давлатӣ дар факултаи филологияи тоҷик то соли 1996 хонд. Вай дар замоне хондаву соҳиби диплом гардид, ки муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеа тезу тунд тағйир ёфта, мизони зиндагӣ ба пулу мол ва сарват вобаста мегашт. Ба як ҳисоб, ин замоне буд, ки тракторрон пешгаҳнишин ва омӯзгор пойгаҳнишин гашта буд. Ҳамид андаке аз пешаи омӯзгорӣ дилхунук гашта, хост бахти худро дар идораҳои қудратӣ бисанҷад, яъне милиса шавад. Ба ин мақсад чанд муддат мувофиқи талаби корфармо дар мактаби рақами 16-уми шаҳри Қаршӣ машғули кор шуд. Аммо меҳру муҳаббати китобу дафтар баландӣ кард ва ӯ ин ҳама сару савдоҳоро канор гузоштаву ба зодгоҳ – Боғучорбоғи биҳиштосо баргашт.

Ба Ҳамид зуд дар мактаби рақами 10, ки худ таълим гирифта буд, ҷойи кор доданд. Вай акнун дар бари устодони худ истода, ба хонандагон ҳам аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ва ҳам аз забони давлатӣ дарс медод. Ба пиндори ӯ, омӯзгорӣ касби бошарафест. Агар муаллим дар кори худ саҳлангорӣ кунад, ҷомеа аз рушд мемонад. Зурии кишварҳои пешрафта дар он аст, ки дар мактабҳои онҳо омӯзгорони беҳтарин машғули тадрис ҳастанд ва обрӯю эътибори ин тоифа хеле баланд аст. Вақте баҳси мо сари ин мавзӯъ гармтар шуд, Ҳамид Холмӯминов аз сиёсати имрӯзаи раҳбари давлатамон дар робита ба баланд бардоштани сифати таълими роиҷ ситоиш кард.

– Агар ҳар як омӯзгор ба ҳарфҳои дили Президент аз сидқи тамом гӯш додаву аз тамоми вуҷуд дар роҳи таълиму тадриси шогирдон часпу талош бикунад, дар зудтарин фурсат Ӯзбекистони офтобрӯяи мо ангуштнамои ҷаҳон хоҳад шуд.

***

Ҳамид Холмӯминов дар идомаи сӣ соли таҷрибаи кории педагогӣ шогирдони зиёдеро таълим додааст, ки онҳо имрӯз дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт кору фаъолият мебаранд. Чанде аз онҳо ғолибони озмунҳои вилоятиву сатҳи ҷумҳурӣ ҳастанд. Барои хидматҳои бурдборонааш дар пешбурди соҳаи таълими халқ Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ бо нишони «Фидоии таълими халқ» сарфароз гардондааст. Дониши васеъ ва таҷрибаи бойи педагогии ӯро ба инобат гирифта, раёсати Саридораи таълими томактабӣ ва мактабии вилоят қарор кардааст, ки таҷрибаи ин омӯзгори варзида дар муддати панҷ сол чун намунаи ибрат дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ оммавӣ гардонда шавад. Айни ҳол Ҳамид Холмӯминов мақоми «Омӯзгори тамринтар»-ро дорад ва гаҳу ногаҳ аз барои машқ додани омӯзгорони ҷавон ба чорабиниҳои тренингӣ ҷалб карда мешавад.

Аммо Зафарҷон Амонов – ҷоизадори ҷойи дуюми озмуни ҷумҳуриявии забон ва адабиёти тоҷик дар соли 2025 орзу дорад, ки мисли падари фарзонаи худ пешаи бошарафи омӯзгориро фаро бигирад ва бештар рӯ ба эҷод овардаву ба иншои асарҳои мансур машғул гардад, барои ғановати адабиёти муосири тоҷики Ӯзбекистон ҳиссаи худро гузорад.

Ба тадорукоти Зафарҷон ва алоқамандию шавқмандии ӯ ба адабиёти бадеӣ менигараму бевосита ба падари ӯ – Ҳамид Холмӯминов ташаккур мегӯям, ки барои ояндаи фарзандон бефарқ нест ва дунёи онҳоро бо китобҳо тавъам кардаву ба сӯйи нур раҳнамун мешавад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Муҳити адабии Чағонрӯд дар даврони худ рушду нумӯъ дошт. Намояндагони он бо осори пурарзиши хеш дар пешрафти илму фарҳанг ва адабиёти пурғановатамон саҳми бузург гузоштаанд. Ба «Шоҳнома»-нависӣ асос гузоштани Дақиқӣ далели раднашавандаи ин гуфтаҳост.*

# ҶАШНИ АДИБОНИ ЗУЛЛИСОНАЙНИ ВОҲАИ СУРХОН



Чағонрӯди кунунӣ – Деҳнави шоирхезу адабпарвар дар айни замон низ асолату рисолати хешро аз даст надодааст, дар оғӯши он даҳҳо қаламкашони варзида бо ду забон: тоҷикиву ӯзбекӣ асар меофаранд. Анҷумани адабие, ки 1 майи соли ҷорӣ бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти се нафар адиб таҳти шиори «Адибони зуллисонайни сарзамини Сурхон» дар Донишгоҳи соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав баргузор гардид, бори дигар собит намуд, ки дар ин сарзамини адабпарвар чароғи илму маърифат ҳаргиз хомӯш намегардад. Адибонаш чун шамъ месӯзанду ба қалбҳо нуру зиё мебахшанд, дӯстии миёни халқҳоро мустаҳкам, ин эҳсоси волову пурарзишро тараннум мекунанд. Анҷуман, бемуболиға ба ҷашни дӯстии адабии халқҳои тоҷику ӯзбек мубаддал гашт.

Соҳибҷашнҳо – адибони зуллисонайн Истад Қосимзода – рӯзноманигор, адиб ва тарҷумон, Чоршанбеи Деҳнавӣ – адиб ва тарҷумон, Исмат Ҳалим – шоир ва рӯзноманигорро дар ҳалқаи адибону ёру дӯстон ва меҳмонон дар саҳни даромадгоҳи донишгоҳ устодону шогирдони ин маскани илм бо раҳбарии ректор Ойбек Рӯзиев, намояндагони ҳокимияти ноҳия ва фаъолони Маркази миллию мадании тоҷикони ноҳияи Деҳнав бо раҳбарии адиби ҷавону серғайрат Шерзод Саидов зери оҳангҳои карнаю сурнай бо нону намак истиқбол намуданд. Ректор меҳмононро ба хонаи Маркази таълим ва фарҳанги тоҷикони Деҳнав, ки ба тозагӣ таъсис ёфтааст, даъват кард. Лентаи рамзии маросими ифтитоҳи марказро ректору раиси марказ ва соҳибҷашнҳо буриданд. Пешгаҳи хонаи марказро ливои парфишони ҷумҳуриҳои бародари Ӯзбекистону Тоҷикистон ва суратҳои раисҷумҳури ҳар ду кишвар – Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон, ки самимона дасти ҳамдигарро мефишоранд, оро медиҳанд. Дар деворнигоштаҳо, ки ифодагари рамзи дӯстист, ҳамчунин аксҳои адибони барҷастаи тоҷику ӯзбек аз Рӯдакӣ то Ҷомиву Навоӣ, Мирзо Турсунзодаву Ғафур Ғулом бо тарҷумаи ҳол ва фаъолияти эҷодиашон сабт ва овехта шудаанд.

Пас аз пазироии меҳмонон ректор Ойбек Рӯзиев дар бораи муносибатҳои дипломатии ҳарду кишвар, ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсӣ ва илмиву мадании ду давлат ва шароити фароҳамовардашуда барои миллатҳои гуногуне, ки дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, ҳарф зад.

– Мақсаду ҳадафи мо аз таъсис додани Маркази таълим ва фарҳанги тоҷикон дар донишгоҳ ин инкишоф додани равобити дӯстиву фарҳангии халқҳои мост, – гуфт ректор зимни сухарониаш. – Айни ҳол дар донишгоҳи мо чор гурӯҳи тоҷикӣ: таълими ибтидоӣ, математика ва информатика, биология ва таълими томактабӣ фаъолият доранд. Интизор меравад, ки дар оянда гурӯҳҳои тоҷикиро боз ҳам бештар кунем.

– Мо аввалин рӯзномаи тоҷикии даврони истиқлол – «Садои Сурхон»-ро чун фоли нек маҳз дар ҳамин Деҳнави шоирхезу суханпарвар таъсис додем ва умед аст, дар оянда ҷавонамон чароғи илму маърифатро на танҳо фурӯзон нигоҳ медоранд, балки боз ҳам бештар шуълаафкан мекунанд, – гуфт соҳибҷашни 90-сола Истад Қосимзода.

Ректори донишгоҳ риштаи суханро ба ровиёни маҳфил – Саодат Сангинова ва Иззатулло Соҳибов супорид. Онҳо низ дар навбати худ ҳозиринро бо ин ҷашни дӯстии бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти се тан адиб хайра мақдам гуфта, ба раиси Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё, доценти Донишгоҳи давлатии Тирмиз Рамазон Абдуллоев навбати сухан доданд. Мавсуф дар мавзуи «Нақши адибони зуллисонайни воҳаи Сурхон дар тарбияи насли наврас» (дар мисоли соҳибшанҳо) ҳарф зада, хидматҳои ҳар се адибро дар рушди адабиёту фарҳанги кишварамон арзёбӣ намуд.

Дар анҷумани раис Маркази милливу мадании тоҷикони ноҳияи Сариосиё Аҳтам Сафаров, раиси Маркази милливу мадании тоҷикони ноҳияи Деҳқонобод Карим Тошқулов, меҳмон аз Тоҷикистон, тазкиранигор Иброҳими Наққош, директори мактаби рақами 83-юми ноҳияи Сариосиё Турдиқул Ҳасратов, ки бо Истад Қосимзодаву Исмат Ҳалим дар рӯзномаи «Садои Сурхон» кор кардааст, сухан гуфтанд.

Аз тариқи видеонавори омодашуда оид ба ҳаёт ва фаъолияти адибон маълумот дода шуд. Мухлисон бо пайроҳаи ҳаёт ва маҳсули эҷоди онҳо аз наздик шинос шуданд. Шогирдони дабистонҳои ноҳия аз ашъори намакини шоир Исмат Ҳалим намунаҳо қироат карданд. Ҳофизи ҷавон Баҳром Шарифов, сарояндаи хушовоз Тоҳирҷон Зокиров, санъаткори варзида Саъдуллоҳи Бекзода, овозхони хурдсол Ёқубҷон Исобоев бо суруду таронаҳои дилнишин табъи ҳозиринро болида сохтанд.

Баъд меҳмонон дар тарабхонаи «Хиёбони дӯстӣ» дар сари як пиёла чой суҳбатро идома доданд.

Дар маҷмӯъ чорабинӣ хеле пурмазмун ва хотирмон гузашт. Он бори дигар собит намуд, дар он ҷое, ки бинои дӯстӣ мустаҳкам аст, пешравӣ ҳаст, илму адаб рушд мекунад. Соҳибҷашнҳо Истад Қосимзодаи 90-сола, Чоршанбеи Деҳнавӣ ва Исмат Ҳалим, ки дар остонаи 80-солагӣ қарор доранд, барои ин қадрдониву қадршиносӣ хурсандиву қаноатмандии худро иброз доштанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ОЛИМ, ЗАБОНШИНОС, ТАРҶУМОН ВА ФИДОКОРИ ВАТАН

***ё чанд сухан дар бораи ҳаёту фаъолияти Субҳон Муродов***

Дар байни ҳамаи миллату халқиятҳои олам шахсоне ҳастанд, ки аз худ корҳои нек гузоштаанд. Одатан номи чунин одамон ҳамчун намунаи ибрати атрофиён ба забон гирифта мешавад. Баъзе аз онҳо, на фақат бо корҳои илмӣ-пажӯҳишӣ машғул шудаанд, балки барои ободии Ватан низ кӯшиш кардаанд. Шуҷоату мардонагӣ ва ҷоннисорию фидокории чунин шахсон аст, ки ба ин рӯзҳои дурахшону офтобӣ расидаем.

Мардуми Самарқанд аз қадимулайём барои пешрафти илму тараққиёти кишвар камари хидмат бубастаанд. Яке аз он шахсиятҳои некном олими хушсалиқа, забоншиноси моҳир, устоди тавоно, донандаи забонҳо, тарҷумони моҳир, номзади илмҳои филологӣ шодравон Субҳон Муродов мебошанд.

Субҳон Муродов 28-октябри соли 1935 дар Самарқанд таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби ҳамагонии маҳаллаи худ, дар соли 1956 ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тошканд пазируфта шуда, ҳамин даргоҳи муқаддасро бо муваффақият хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар соли 1962 ба ҳайси устоди забони форсӣ дар донишгоҳи мазкур ба фаъолияти корӣ оғоз кард. Дере нагузашта, ба сифати тарҷумон ба Афғонистон фиристода шудааст. Вай дар давраҳои мухталиф, ҷамъул ҷамъ 7 сол дар Афғонистон хидмат кардааст. Бешубҳа, ин ҳама кору фаъолияти олими ҷавон дар ривоҷу равнақи фаъолияти илмии минбаъдаи ӯ сарнавиштсоз буд.



С. Муродов соли 1967 баробари дар Ҷамъияти муҳофизати ёдгориҳои таърихии вилояти Самарқанд кор кардан, ҳамзамон, ба донишҷӯёни Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ аз забони форсӣ дарс медод. Аз соли 1968 муаллими кафедраи забони тоҷикии донишкадаи номбурда, баъдан муаллими калон ва дотсенти кафедра кору фаъолият нишон додааст.

Фаъолияти илмии муҳаққиқ асосан дар ҷодаи тарҷума ва назарияи тарҷума буда, бевосита дар меҳвари масъалаҳои нозуки тарҷумаи асарҳои А.П.Чехов ба забони форсӣ-тоҷикӣ сурат гирифтаанд. Онҳо роҷеъ ба масъалаҳои мухталиф, аз қабили «Анъанаҳои адабии А.Чехов дар адабиёти замонавии тоҷик», «Тарҷумаи осори А. П. Чехов», «Наҳваи нависандагии Чехуф» – маҷаллаи «Хонар», «Антун Чехуф – мунаққиди барҷастаи рус». – «Иттиҳод». Кобул, «Ман ҳанӯз касеро надидам, ки бигӯяд ман Чехуфро дӯст надорам», маҷаллаи «Жвандун», «Произведения А. П. Чехова в Иране» дар маҷмӯаи мақолоти илмии «Развитие перевода» табъу нашр шудааст. Пас аён мегардад, ки фаъолияти Субҳон Муродов на фақат ба масъалаҳои назарияи тарҷума, балки барои устувор кардани алоқаҳои адабии халқу миллатҳо низ арзиши муайяни илмӣ-назарӣ доштааст.

Субҳон Муродов пас аз фаъолияти чандинсолаи илмӣ ва педагогӣ, 21 ноябри соли 2014 дар синни 79-солагӣ дунёи фониро тарк кард. Аммо номи неки ӯ тавассути кору пажӯҳишоти илмияш боқӣ монд, бале, ӯ накӯном аст ва гӯё дар сафи мо аст, ба қавли Саъдии Шерозӣ:

*Саъдиё, марди накӯном*
*намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш*
*ба накӯӣ набаранд.*

Аз ин донишманди асил ёдовар шуда, каме бошад ҳам аз хидмату шахсияти ӯ барои ворисон – ҷавонон ва хусусан донишҷӯён гуфтанро нек донистем ва бошад, ки бо ин хотираи устоди азизу шодравон шоду охираташон обод бошад!

**С. ХӮҶАҚУЛОВ,**
**доктори фанҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷаи ДДС.**
**Х. МУРТАЗОЕВ,**
**доктори фанҳои филологӣ оид ба фалсафа, дотсенти ДДС.**

***Дар шаҳри Тошканд озмуни ҷумҳурии «Омӯзгори беҳтарини ҳуқуқ», ки аз ҷониби Вазорати адлия ва Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ ташкил ёфта буд, ҷамъбаст шуд.***

# ОМӮЗГОРИ БЕҲТАРИНИ ҲУҚУҚ

Дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ беш аз 10 ҳазор нафар муаллимони фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» барои пирӯзӣ талош варзиданд. Дар басти ҷумҳурӣ ҳамагӣ 42 нафар педагог аз тамоми кишвар иштирок намуда, омӯзгори мактаби миёнаи рақами 28-уми ноҳияи Ҷомбой Дилобар Одилова ғолибиятро ба даст дароварда, бо дипломи дараҷаи якум ва 30 миллион сӯм мукофотпулӣ сарфароз гардид. Дар шоҳсуфаи дуюм ва савум бошад, вакилони вилоятҳои Бухоро ва Қароқалпоқистон ҷойгир шуда, онҳо низ соҳиби 20 ва 10 миллион сӯм мукофотпулӣ шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

***Минбари донишҷӯй***

# ДАР ИНТИХОБИ ДӮСТ

*Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*
**(САЪДӢ)**

Бале, дӯст шахси ҳамдаму ҳамрози мо, рафиқи бовафову босадоқат аст. Завқи зиндагониро дар ҷаҳон бе дӯст эҳсос карда намешавад. Дӯстони ҷонӣ дар роҳҳои пурпечу тоби зиндагӣ ҳамеша бо мо ҳастанд. Вале пайдо кардани дӯсти ҷонӣ мушкил. Мегӯянд, ки дӯстро дар сахтӣ ва мусибат мешиносанд. Аз ин рӯ бояд мо дар интихоби дӯст ҳушёру зирак бошем. Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома», бобати интихоби дӯст гуфтааст:

«…Искандарро пурсиданд, ки ин чандин мулк ба чӣ хислат ба даст овардӣ?

Гуфт:

– Ба даст овардани душманон ба талаттуф (ба меҳрубонӣ) ва ҷамъ кардани дӯстон ба тааҳҳуд (ба ӯҳдадорӣ, масъулиятшиносӣ).

Бипарҳез аз дӯсте, ки мар дӯсти туро душман дорад. Ва дӯсте, ки бе баҳонаеву бе ҳуҷҷате ба гила шавад, дигар ба дӯстии ӯ тамаъ мадор. Ва андар ҷаҳон беайб кас машинос, аммо ту ҳунарманд бош, ки ҳунарманд беайб бувад. Ва дӯсти беҳунар мадор, ки аз дӯсти беҳунар фалоҳ (некуҳолӣ, некӣ) наёяд. Ва дӯстони қадаҳро аз ҷумлаи дӯстон машумор, ки эшон дӯсти қадаҳ бошанд, на дӯст. Ва бинигар миёни дӯстони неку бад ва бо ҳар ду гурӯҳ дӯстӣ кун. Бо некон ба дил дӯстӣ куну бо бадон ба забон, то дӯстии ҳар ду гурӯҳ туро ҳосил бувад, ки на ҳама ҳоҷате ба некон афтад. Вақте бошад, ки ба дӯстии бадон низ ҳоҷат афтад. Ва агарчи раҳ бурдани ту наздики бадон ба наздики некон туро костӣ физояд, чунон ки раҳ бурдани ту ба некон наздик бадон обрӯй афзояд ва ту тариқи некон нигаҳ дор, ки худ дӯстии ҳар ду қавм туро ҳосил ояд. Аммо бо беҳирадон ҳаргиз дӯстӣ макун, ки дӯсти беҳирад бо дӯст аз бадӣ он кунад, ки сад душмани одил накунанд ба душманӣ. Ва дӯстӣ бо мардуми ҳунариву некаҳд кун, то ту низ бад-он ҳунарҳо маъруф ва ситуда бошӣ, ки он дӯстони ту бад-он маъруфу сутуда бошанд..»

Дӯстон се навъ мешаванд: забонӣ, нонӣ ва ҷонӣ.

Дӯстони забонӣ забони навозиш мекунанду бас. Дӯстони нонӣ бисёр мешаванд, вале барои сарват дӯст мешаванд, вақте аз дасти ту сарват меравад, албатта, ин дӯстон ҳам мераванд. Дӯстони ҷонӣ ҳамеша содиқ мемонанд. Дар урфият мегӯянд, ки «Дӯстон оинаи якдигаранд». Аз ин рӯ, айби дӯстамонро мо бояд ба рӯяшон бигӯем ва барои ислоҳашон бикӯшем. Бо дӯстон бояд ҳамеша ҳалиму меҳрубон бошем. Вале аз дӯсте, ки бо душмани шумо дӯст аст, парҳез кардан дуруст мебошад. Дар ин бобат Абуалӣ ибни Сино фармудааст:

*Бо душмани ман чу дӯст*
*бисёр нишаст,*
*Бо дӯст набоядам дигар*
*бор нишаст.*
*Парҳез аз он шакар, ки бо*
*заҳр омехт,*
*Бигрез аз он магас, ки бар*
*мор нишаст.*

Аз ин навиштаҳо хулоса он аст, бояд ба дӯсте дил баст, ки дар ҳамаи ғаму хурсандии мо шарик аст аз бурди мо шод мешаваду аз ғаму ғуссаамон ғамгин. Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

*Донӣ, ки чист давлат?*
*Дидори ёр дидан,*
*Дар кӯйи ӯ гадоӣ,*
*бар хусравӣ гузидан.*
*Аз ҷон тамаъ буридан*
*осон бувад, валекин*
*Аз дӯстони ҷонӣ, мушкил*
*тавон буридан.*

**Матёқуби ОРЗИБЕК,**
**донишҷӯйи соли дувуми факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.**

# ...КИРО ГАНҶИ ДОНИШ БУВАД, ПОДШОСТ!

(Аввалаш дар саҳ.1).

Агар ба марги инсонҳои одӣ танҳо фарзандонашон бигирянд, ба марги алломаҳо ҷаҳон мегиряд, зеро бо заковату дониши бузургашон дили ҷаҳониёнро ба даст овардаанд. Аз ин лиҳоз, мо бояд ба фарзандон, ҷавононамон аз раҳи тайкардаи бузургон ва равшанфикрони олам дарси ибрат диҳем. Дар даврони ҷаҳонишавӣ, ки ба ҷавононамон аз ҳар самт хатар таҳдид мекунад, ҳушёриро аз даст надиҳем.

Баланд бардоштани сифати таълим, тайёр намудани кадрҳои ҳарҷониба болаёқати дорои дониши баланди замонавӣ аз масъалаҳои муҳими рӯз гардидааст. Сарвари кишварамон дар тамоми соҳаҳо пеш аз ҳама ба ҷавонон – барпокунандаи ояндаи Ӯзбекистони Нав, баланд бардоштани дониши онҳо эътибори ҷиддӣ зоҳир менамояд, барои ҳаматарафа ба воя расидани онҳо шароити заруриро муҳайё месозад. Роҳбари давлат «Ҳалли ҳама гуна мушкилот, ҷавоби ҳама гуна саволҳо танҳо дар таълим мебошад, калиде, ки дари тафвиқ ва бахтро мекушояд, низ дар таълим ва тарбия аст» гуфта буд дар табрики худ ба омӯзгорон ва мураббиёни Ӯзбекистон.

Чандест бо мақсади муайян кардани дабистонҳо, донишкадаву донишгоҳҳои фаъолу пешқадами минтақаҳои ҷумҳурӣ пурсишномаи «Овози тоҷик» гузаронда мешавад. Бино ба ҷамъбасти пурсишномаи «Филологияи тоҷик: гурӯҳҳои кадом донишгоҳ фаъол ва пешқадаманд?» гурӯҳҳои тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ бо зиёдтар аз ду ҳазор овоз дастболо шуданд. Бо супориши рӯзнома мо гузориши зеринро аз ин донишгоҳи фаъол омода намудем.

## ЧИРЧИҚ – ШАҲРИ КИМИЁГАРОН

Чирчиқ яке аз панҷ шаҳри калони вилояти Тошканд буда, дар масофаи 32 км. шимолӣ-шарқии пойтахт воқеъ мебошад. Соли 1935 ба муносибати сохтмони ГЭС (истгоҳи обии барқӣ) дар дарёи Чирчиқ ва як шудани якчанд деҳа он расман мақоми шаҳрро гирифт. Чирчиқ чун шаҳри саноатии кимиёгарон шинохта шуда, дар он қариб 170 ҳазор нафар аҳолии мансуби миллатҳои гуногун умр ба сар мебаранд. Қисми зиёди аҳолии шаҳрро тоҷикон ташкил медиҳанд. Ҳанӯз солҳои 60-уми садаи гузашта, бо мақсади бунёди обанбори Чорбоғ пеши дарё баста шуда, қисме аз аҳолии атрофи соҳилҳои он аз деҳаҳои Нанаю Боғистон ва Бурҷимулло ба Чирчиқ кӯч бастаанд.

Наздикӣ ба пойтахт, зиёд будани корхонаҳои истеҳсолӣ, афзоиши аҳолӣ боиси болоравии инфрасохтори ҳудуд гардида, мактабу литсей, шифохонаҳои замонавӣ, поликлиника, марказҳои хусусии тиббӣ дар хидмати мардуми шаҳр мебошад.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ, Донишкадаи варзишии ҷумҳурӣ дар ин шаҳри кимиёгарон педагогу мураббиён тайёр мекунанд. Корхонаи «Чирчиқ кимиё саноати» ва заводи металлгудозии «Ферроқотишма» дар саноати металлургия мавқеи муҳимро доро мебошанд.

Шаҳри Чирчиқ боиси ҷойгир будан дар ҳамҷаворӣи обанбори Чорбоғ, кӯҳҳои Чимён, мавзеъҳои истироҳатӣ ва табиати тасхиркунандаи ноҳияи Бӯстонлиқ барои сайёҳони кишвар ва хориҷӣ аз масканҳои ҷозибанок ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо чун дигар ҳудудҳои кишварамон дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Чирчиқ низ ислоҳоти назаррас ба амал бароварда мешаванд. Биноҳои маъмурии замонавӣ ва хонаҳои истиқоматии бисёрошёна бунёд мегарданд. Намои шаҳри кимиёгарон боз ҳам бошукӯҳу муҳташам мегардад.

Чирчиқ табиати зебову дилнишин дорад. Вақте аз болои яке аз шохоби дарёи Чирчиқ мегузаштем, насими форами баҳорӣ гӯё моро ба ин шаҳри зебо ва сабзу хуррам хайра мақдам мегуфт.




## «ХОНАИ ДӮСТӢ»

Моро дар даромадгоҳи донишгоҳ омӯзгорон ва донишҷӯён истиқбол намуданд ва ҳама ба утоқи алоҳида – «Хонаи дӯстӣ», ки барои чорабиниҳои фарҳангиву маърифатии гурӯҳҳои тоҷикӣ пешбинӣ шудааст, дохил шудем. Аз хонаи барҳавою васеъ, рафҳои пури китоб, ҷевони либосҳои миллии тоҷикона, портретҳои бузургони илму адаби форсу тоҷик ва бо ҳарфҳои зебову хоно навишта шудани панду андарзҳои онҳо хушамон омад.

– Меҳмонон, шоиру нависандагон, намояндагони санъат, фарҳанг ва падару модаронеро, ки ба шароити таҳсилу фароғати фарзандонашон таваҷҷуҳ доранд, дар ин ҷо пазироӣ менамоем. Гирдиҳамоиҳои эҷодӣ, китобхонӣ, ҷашнвораҳо бахшида ба зодрӯзи бузургон, Наврӯз, Истиқлол ва дигар идҳои мардумиро бо намоиши либосу таомҳои миллӣ, урфу одат ва дигар анъанаҳо мегузаронем. Дар донишгоҳ барои таҳсил ва фароғати мо шароити мусоид муҳайё карда шудааст. Барои толибилмони курсҳои як ва ду, ки аз вилоятҳо омада таҳсил мегиранд, хобгоҳ ҷудо карда шудааст, – баъди шиносоӣ гуфт донишҷӯйи курси якум Дилрабо Бегалиева.

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ДОНИШГОҲ

– 27-уми июли соли 2017 тибқи қарори Президент Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқ таъсис дода шуд. Донишкада дар ибтидо бо се-чор факулта ва теъдоди ками омӯзгорону донишомӯзон фаъолияти худро сар кард, – гуфт баъди пазироӣ устоди донишгоҳ Ҳошимҷон Қӯчқоров. – Факултаи фанҳои гуманитарӣ соли 2017 дар ибтидо бо номи факултаи таърих ва забонҳо фаъолият мебурд. Самараи як қатор пешравиҳост, ки соли 2019 назди ин факулта бахши забон ва адабиёти тоҷик таъсис дода шуд. Ҳамчунин, худи ҳамон сол дар назди факултаҳои методикаи таълими ибтидоӣ ва таълими томактабӣ таҳсили рӯзонаи гурӯҳҳои тоҷикӣ низ роҳандозӣ гардид. Бо сабаби васеъ шудани ҳаҷми соати корӣ ва теъдоди зиёди қабули донишомӯзон 31-уми октябри соли 2020 таҳти қарори 4-уми маҷлиси умумии донишкада номи факултаи таърих ва забонҳо ба «факултаи фанҳои гуманитарӣ» баргардонда шуд. Боиси ифтихор аст, ки соли 2022 Донишкадаи давлатии педагогии Чирчиқ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ табдил дода шуд. Ҳоли ҳозир дар он 32 самти бакалаврӣ ва 17 риштаи магистратура амал мекунад ва зиёда аз бисту чор ҳазор нафар донишҷӯ саргарми таҳсилу тадрисанд. Алҳол дар донишгоҳ даҳ факултет ва сию нӯҳ кафедра фаъолият доранд. Бино ба гуфтаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултаи «фанҳои гуманитарӣ» Лочин Муҳаммадиев, на ҳама муассисоти таълимӣ дар ин муддати кӯтоҳ ба чунин муваффақият ноил мегардад.

Дар айни замон, ҳам донишҷӯёни бахшҳои рӯзона ва ҳам ғоибона дар аудиторияҳои замонавии муҷаҳҳаз ва лабораторияҳои ихтисосӣ таҳсил мегиранд. Дар факултет китобхона, лабораторияи таърих, клиникаи ҳуқуқ, марказҳои «Археология», «Дӯстӣ» фаъолият доранд.

Тариқи бакалавриат бахшҳои таърих, забон ва адабиёти ӯзбек, забон ва адабиёти қазоқ, забон ва адабиёти тоҷик ва забон ва адабиёти рус ба гурӯҳҳои забонҳои ғайр, кори иҷтимоӣ (идораи худидоракунии шаҳрвандон), ғояи миллию таълими асосҳои маънавият ва ҳуқуқ ҷудо мешавад. Таълими магистратурӣ бошад, зергурӯҳҳои забон ва адабиёти ӯзбек, забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти қазоқ, методикаи омӯзиши фанҳои иҷтимоию гуманитари (асосҳои маънавият)-ро дарбар мегирад. Маҳз дар назди ҳамин факулта марказҳои илмию тадқиқотии маркази таълим ва тадқиқоти шеваҳои ӯзбекӣ, маркази илмию тадқиқотии таърих, клиникаи ҳуқуқ, маркази омӯзиши илмию амалии фанни таърих, забони русӣ барои ҳамагон амал менамояд. Бояд таъкид кард, ки муддати ҳашт сол, яъне аз соли 2017 то ҳоли ҳозир аз рӯйи фанҳои гуногун нақшаҳои омӯзишӣ, маҷмӯаҳои услубию омӯзишӣ, дастурҳои фаннии намунавӣ, дастурҳои омӯзишии корӣ таҷдиди назар мегарданд.

## ЧАНД СУХАН ДОИР БА ФАЪОЛИЯТИ БАХШИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК

Ба гурӯҳҳои тоҷикии «факултаи фанҳои гуманитарӣ» чор нафар омӯзгор таълим медиҳанд, ки яке аз онҳо номзади фанҳои филологӣ, дотсент Малик Кабиров мебошад. Устод муаллифи чандин китоби дарсии таълими олӣ ва муассисаҳои таълими ҳамагонӣ ҳастанд. Омӯзгорони боқимонда ҳам дараҷаи «муаллими калон»-ро соҳиб буда, муаллифи китобҳои дарсӣ ва монографияҳоянд.

Оиди сифати таълим, роҳҳои баланд бардоштани он, китобҳои таълимӣ, норасоиҳо дар ин самт фикри дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ Малик Кабировро меорем:

– Алҳол даври рушди воситаҳои техникии замонавист. Донишомӯз метавонад аз он бамаврид ва фаровон истифода барад. Вале омӯзиши забон, хусусиятҳои онро донишомӯз бояд аз мутахассиси ин соҳа омӯзад. Аввалан соатҳои таълимие, ки барои тадриси забони тоҷикӣ муқаррар шудааст, (15 ҷуфт маърӯза, 15 ҷуфт амалӣ) барои азхудкунии мавзӯъҳо кифоя нест. Дар барномаи таълимӣ бештар ба хониши мустақилона эътибор дода шудааст, яъне барои омӯхтани баъзе мавзӯъҳо донишомӯз бояд таҳти назорати устод худомӯзӣ кунад. Пӯшида нест, ки дониши донишҷӯёне, ки аз ҳудудҳои ҷумҳурӣ омада ин ҷо таҳсил мегиранд, дар пояи баланд нест. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар барномаи мактаби таълими умумӣ низ ба таълими забони тоҷикӣ соат хеле кам ҷудо карда шудааст. Пас донишомӯз, ки қисмҳову хусусиятҳои забониро, ки дар мактаб бояд меомӯхт, аз худ нокарда чӣ тавр дар мактаби олӣ такмил медиҳад? Масалан, барои азхудкунии ҳиссаҳои нутқи феъл ва исм дуҷуфтӣ, ба дигар ҳиссаҳо якҷуфтӣ соат ҷудо шудаанд. Ин барои азхудкунии мавзӯъҳо ба донишомӯзон муаммоҳоро пеш меорад. Дуруст аст, ки баланд бардоштани сифати дониши талабагон марбути омӯзиши забони тоҷикӣ ба маҳорати устод-омӯзгорону дараҷаи донишазхудкунии талабагон вобастагӣ дорад. Аз сабаби пурра бо китоби дарсӣ таъмин набудани донишомӯзон хониши мустақилона ба тарзи бояду шояд амалӣ мегардад. Таъкид намудан бамаврид аст, ки на ҳамаи донишомӯзон хоҳиши мутахассиси ин соҳа шуданро доранд.

Забони китобҳои дарсӣ фаҳмо, равон бояд бошад. Баъзан калима, истилоҳҳои маъмулу ғайримаъмули ба арабӣ ва русӣ-интернатсионалӣ ифодаёфтаро истифода мебарем, ки дар натиҷа, забони асар душворфаҳм мегардад. Масалан, ба ҷойи калимаи «аркон» – рукнҳо, «уламо» – олимон гӯем мувофиқи матлаб мешуд. Дар китобҳои дарсӣ дастовардҳои имрӯзаи илми забоншиносиро истифода бурдан ба маврид аст. Масалан, ба ҷойи «морфема» – соза, «суффикс» – пасванд, «префикс» – пешванд, «инфикс» – миёнванд гуфтан хусусияти тоҷиконаро меафзояд.

Масъалаи дигар ин пештар дар китобҳои таълимии мактабҳо барои омӯзиши ҳуҷҷатнигорӣ намунаҳои тарзи навишти маълумотнома, ариза, табрикнома, далолатнома ва ғайра соат ҷудо карда мешуд. Талабагон аз жанрҳои адабӣ каму беш хабардор ҳам буданд. Ин ба он маънӣ, ки табиати факултаи филология то андозае бо рӯзноманигорӣ вобастагии зич дорад. Омӯзгорон ба он нукта бояд эътибори ҷиддӣ диҳанд, то ин ки шогирдон ба рӯзномаҳо хабару мақола навишта тавонанд. Барои босавод навиштани мақола ва такмили услуби баёни талаба бештар хондани асарҳои бадеии тоҷикии нависандагони гузаштаву имрӯза мувофиқи мақсад аст ва он бояд таҳти назорати омӯзгор бошад, хуб мешуд.

Умр боқӣ бошад, минбаъд китобҳои «Шевашиносӣ» ва «Маданияти сухан»-ро барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ таълиф намуданиям, – иброз намуд устод.

Гуфтан бамаврид аст, ки Малик Кабиров соли 2010 барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» қисми 1 (луғатшиносӣ, фразеология)-ро таълиф намудааст. Қисми дуюми китоби мазкур (сарф) бо ҳаммуаллифии профессори ДДБ Т. Чориев ва соли 2024 китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» қисми 3 (наҳв) аз чоп баромад. Устод дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва нашриёҳои Тоҷикистон мақолаҳои илмии худро дарҷ намуда, хонандагони зиёд пайдо кардааст, инчунин муаллифи китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-и синфи 6 (соли 2005), синфи 9 (соли 2004), синфи 10 (соли 2017), синфи 11 (соли 2005) мебошад. Дар таълифи китобҳои «Забони тоҷикӣ» барои синфи 8 (соли 2004 ) ва «Адабиёт»-и синфи 7 (соли 2005) ҳаммуаллифӣ кардааст. М. Кабиров табъи шоирӣ низ дорад. Шеърҳои ӯ таҳти унвони «Субҳи сафо» (соли 2019) ва «Меҳри Ватан» (2023) рӯйи чопро дидаанд.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо дастпарварони факулта дар бисёр озмунҳои байни донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда, шарафи донишгоҳро ҳимоя мекунанд. Анъанаи устоду шогирд ҳам дар факулта хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

– Ин маскани маърифат муаллим – тарбиятгари насли наврасро тайёр менамояд. Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

*Ҳар кӣ з-омӯхтан*
*надорад нанг,*
*Дурр барорад зи обу*
*лаъл аз санг.*

Намунаҳои эҷоди донишҷӯёни эҷодкор, мисли Марворид Абдурофеева, Нозанин Абдусатторова, Нафиса Ҷӯраева, Содиқҷон Рӯзматов, Муйинҷон Бозоров ва дигарон тавассути нашриёҳои «Овози тоҷик», «Ховар», «Дурдонаи Шарқ» ба табъ расидаанд.

Баробари дастовардҳову муваффақиятҳо мушкилиҳо низ зиёданд. Барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ намерасанд. Толибилмон аз шакли электронии онҳо истифода мебаранд, – иброз намуд Ҳ. Қӯчқоров.

– Донишомӯзон амалиёташонро дар кадом муассисаҳои таълимӣ мегузаронанд? Баъди хатми донишгоҳ оё хатмкардагон аз рӯйи ихтисоси худ кор мекунанд? – пурсидем аз устоди донишгоҳ Ҳикмат Султонов.

– Дар курсҳои якуму сеюм амалиёти малакавӣ бевосита дар мактабҳо ба роҳ монда мешавад, дар курси чорум бошад, номи амалиёт дигар мешавад, ки онро амалиёти педагогӣ меноманд.

Дар ин муддат аллакай ба шогирдон ҷойи корашон маълум мегардад, фақат муаммо дар ин аст, ки баъзе талабаҳо аз сабаби дур будани мактабҳои тоҷикӣ, амалиёти худро дар мактабҳои шаҳр ба забони ӯзбекӣ мегузаронанд.

Гузашта аз ин, миқдори ками донишҷӯён баъди хатми донишгоҳ аз рӯйи ихтисос кор намекунанд, бархе аз шогирдон маоши муаллимиро кам ҳисобида, дар соҳаҳои дигар кор мекунанд

Ҳоло дар донишгоҳ баъзе дарсҳои фаннӣ ба сабаби набудани мутахассисони касбӣ ба забони таълим, яъне тоҷикӣ гузаронда намешаванд. Аз нарасидани кадрҳо дар факултаи таълими томактабӣ баъзе дарсҳо ва ҳатто фанни забони тоҷикиро муаллимон ба забони тоҷикӣ намегузаштаанд, инчунин, тибқи гуфтаҳои шогирдон, баъзе муаллимон худашон тоҷикиро хуб намедонистаанд.

Умед дорем, ки мутасаддиёни соҳа мушкилотро ҳал менамоянд.

Бале, дониш чароғи ақл аст, ки дида аз он равшаниву нур ва дилҳо сурур мегиранд. Шахси донишманд гули сари сабади ҳар анҷуман аст.

Дар поёни суҳбат, ки хеле самимӣ ва хотирмон гузашт, ба устодон ташаккурномаи «Овози тоҷик» ва донишҷӯён рӯзномаву китобҳои бадеӣ тӯҳфа карда шуданд.

***Матолиби саҳифаро хабарнигорони «Овози тоҷик» Саодат БЕКНАЗАРОВА ва Гулҷаҳон КАБИРОВА ба чоп омода карданд.***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 3688. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.